**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи**
**"Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)""**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи "Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 30.05.с.2025 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 26 апрел то 27 майи соли 2024 гузаронида шуд |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯйи натиҷаи ҷойгирокунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Тартиби мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид.<br>Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 8 майи соли 2024, №72/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии |

| | |
|---|---|
| | Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҳия карда шудааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки раванди таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-ро ба танзим медарорад, раванди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад.<br>Бо мақсади ба роҳ мондани раванди таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намуд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Тартиби номбурда, талаботи қонунгузорӣ бе иҷро боқӣ монда, раванди таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ғайриимкон мегардад. Зеро, айни замон раванди ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) шафоф набуда, онҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод карда намешаванд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи "Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)"-ро бо назардошти муқаррароти моддаи $29^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:<br>- асос барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- ба Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботҳои |

| | |
|---|---|
| | Молиявӣ мутобиқ намудани раванди баҳисобгирии муҳосибӣ;<br>- мукаммал намудани инфрасохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- шаффоф ва саҳеҳ гардидани раванди ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- амалишавии талаботи моддаи $29^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ". |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ эътироф гардидааст. Мутобиқи моддаи $29^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила, мақоми назорати суғуртавӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ феҳристи ҳисобот, шаклҳо, тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявиро муқаррар менамояд.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун муқаррароти Қонуни болозикр пешбинӣ шудааст, ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва ба танзим даровардани низоми суғуртаи кишвар ғайриимкон мебошад. Зеро, Бонки миллии Тоҷикистон дигар роҳҳои ҳалли мушкилотро низ мавриди баррасӣ қарор дод, аммо натиҷа надод. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи | Лоиҳаи "Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" раванди таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)"-ро муқаррар намуда, раванди шаффоф ва саҳеҳи |

| | |
|---|---|
| лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявиро таъмин менамояд.<br>Дар лоиҳаи Тартиб чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- уҳдадориҳо ва масъулияти шахсони масъули ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- талабот оиди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- асосҳо барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- талабот оиди пур кардани шаклҳои ҳисоботдиҳӣ;<br>- талабот барои барасмият даровардани таҳияи ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- хусусиятҳои барасмият даровардани шаклҳои ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- талабот ба санаи пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ).<br>Дар лоиҳаи Тартиби мазкур чунин уҳдадориҳо пешбинӣ карда шудаанд:<br>- ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст, ки дар мӯҳлати муқарраргардида ҳисоботҳои молиявиро ба Идораи назорати суғуртавӣ пешниҳод намояд;<br>- роҳбари ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки ба ҳисоботи молиявӣ имзо мегузорад, уҳдадор аст дурустӣ ва саҳеҳ будани онро санҷад;<br>- роҳбари ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст, барои саривақт пешниҳод гардидани ҳисоботҳои молиявӣ мусоидат намояд; |

| | |
|---|---|
| | Дар тартиби мазкур маҳдудиятҳо пешбинӣ карда нашудааст.<br>Рушди инфрасохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра инкишоф ёфта, зарурати ба талаботи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботҳои Молиявӣ ва мутобиқ намудани шаклҳои ҳисоботӣ ба шароити имрӯза бо роҳи таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст.<br>Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор рушди босамари низоми суғуртаи мамлакат, инчунин иҷрои талаботи муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи $29^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намудааст. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот. | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>-риояи муқаррароти қонунгузорӣ таъмин мегардад;<br>-саҳми соҳаи суғурта дар иқтисодиёти мамлакат бештар мегардад;<br>- сатҳи хизматрасониҳои суғуртавӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад;<br>- қонунвайронкуниҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) пешгирӣ карда мешаванд;<br>- ба раванди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) такони ҷиддӣ мебахшад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба таври дуруст ба роҳ монда мешавад;<br>- шаффоф ва саҳеҳ таҳия гардидани |

| | |
|---|---|
| | ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъмин мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он. | Дар ҳолати қабул гардидани Тартиби мазкур раванди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба таври дуруст ба роҳ монда шуда, ба ин васила риояи қонунгузорӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртаи устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таъмин мегардад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 30.05.с.2025. |

Муовини раис Икромӣ С. С.